«**Тасдиқ мекунам**»:
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ҷ.Б. ________
аз «29» 05 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Раънои Камолидин дар мавзуи «Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)» дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро гардидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Раънои Камолидин унвонҷӯйи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба шумор мерафт.

Раънои Камолидин соли 2012 Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода)-ро бо ихтисоси тарҷумони забони англисӣ хатм намудааст.

Фаъолияти кориашро соли 2012 дар Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор” ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ оғоз мекунад.

Ҳоло ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ дар Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор” фаъолият дорад.

Номбурда бо фармоиши ректори ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода аз 06.03.2023, №48-4д/ш ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи (ҳоло забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ) ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таърихи 30.06.2023, №11/4-1 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии Раънои Камолидин доктори илмҳои филологӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Матробиён Саодатшо Қосимзода мебошад.

Раънои Камолидин имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) аз 29.12.2023, аз фанни забони хориҷӣ (олмонӣ) бо баҳои 5 (аъло) аз 28.06.2025 ва аз фанни забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ бо баҳои 5 (аъло) аз 29.01.2026 бомуваффақият супоридааст.

Диссертатсияи Раънои Камолидин дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 29 майи соли 2026, №10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мутобиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**. Мавзуи диссертатсия ба "Самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2021-2025", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503, тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Ҳамчунин, мавзуи диссертатсия бо «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2019, №438, тасдиқ шудааст, алоқаманд мебошад.

Маводди илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ роҷеъ ба махсусиятҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он ба забони англисӣ назария ва амалияи омӯзиши тарҷума ва муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонад мусоидат намояд. Инчунин, натиҷаҳои амалии таҳқиқ барои мутахассисони соҳаи забоншиносӣ, бахусус, тарҷумашиносиву муқоисавӣ ҳамчун дастури илмию амалӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, мавод, хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми тадриси фанҳои луғатнигорӣ, луғатшиносӣ ё ин ки таҳияи қомусҳои дузабона, китобу дастурамалҳои дарсӣ, вожаву ибораҳои марбут ба лаҳзаҳои шабонарӯзиро метавон ҳамчун аёният истифода кард. Барои тарҷумонҳо вожаву ибораҳои марбут ба лаҳзаҳои шабонарӯзии бештар корбурдшавандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки дар кор истифода шудааст, имкон медиҳанд, ки ҳаммаъно ё муодили зарурии онҳоро дар забони тарҷумашаванда дуруст интихоб намоянд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми омӯзиши забони

англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ чун васоити такмили ҳусни баён ва сифати тарҷума истифода кард.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияи Раънои Камолидин дар ироаи маърузаву гузоришҳо дар конференсия ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назарявии ҳайати профессорон ва устодони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия ва нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳои таҳқиқ дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои онро собит менамоянд. Мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бори нахуст дар забоншиносии тоҷик бар пояи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он лаҳзаҳои шабонарӯзиро мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор дода, умумият, шабоҳат ва тафовути сохторию корбурдии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда муайян намудааст. Маводди назариявӣ ва амалии ҷамъоваринамудаи муаллиф арзиши баландӣ илмӣ дошта, барои ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Раънои Камолидин дар мавзуи «Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)» бо ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мутобиқат менамояд.

Диссератсия аз муқаддима, 3 боб, 22 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2, 69 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. **Камолидин, Р.** Доир ба тарҷумаҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ / Р. Камолидин // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих. – Душанбе, 2023. – №4 (52). – С. 185-193.
2. **Камолидин, Р.** Инъикоси лаҳзаи вақти аз аввали шаб то бомдод дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он / Р. Камолидин // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. Бахши илмҳои гуманитарӣ – Хоруғ, 2025. – №2 (02). – С. 152-166.
3. **Камолидин, Р.** Инъикоси як лаҳзаи шабонарӯзӣ: аз баромади офтоб то ғуруби он дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои англисии он / Р. Камолидин // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ ва таърих. – Душанбе, 2026. – №1 (120). – С. 162-170.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

4. **Камолидин, Р.** Баъзе вижагиҳои тарҷумаҳои англисии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ / Р. Камолидин // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои тарҷума ва тарҷумашиносии тоҷик: вазъият ва дурнамо». – Душанбе, 2023. – С. 297-311.
5. **Камолидин, Р.** Нигоҳи забоншиносон ба мафҳуми «вақт/замон» дар забоншиносии муосир / Р. Камолидин // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав». – Душанбе, 2024. – С. 337-343.
6. Матробиён, С.Қ., **Камолидин, Р.** Тасвири як гоҳи шабонарӯзӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ // С.Қ. Матробиён, Р. Камолидин // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони ««Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳувийяти миллӣ». – Душанбе, 2024. – С. 430-443.
7. **Камолидин, Р.** Тафриқаи лаҳзаҳои шабонрӯзӣ дар фарҳангҳо ва забонҳои гуногуни олам / Р. Камолидин // Маводди конференсияи илми-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти унвони «Масоили мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар шароити муосир». – Душанбе, 2025. – С. 229-240.
8. **Камолидин, Р.** Инъикоси як лаҳзаи шабонарӯзӣ: Тасвири вожаҳои умумиистеъмоли шабонрӯзӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаи англисии онҳо / Р. Камолидин // Навиди илм. – Душанбе, 2025. – С. 223-231.

**Ҷаласа қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Раънои Камолидин дар мавзуи «Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва

тарҷумаҳои он)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад;

2. Диссертатсияи Раънои Камолидин дар мавзуи «Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода санаи 29 майи соли 2026, №10 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 9 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва тарҷумашиносии
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳавасмоҳ Тилло

Котиби илмии ҷаласа:
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси забоншиносӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва тарҷумашиносии
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарзода ва М.А. Маҳмудзодаро
тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС